13247 - Ҳукми бартараф кардани мӯйҳои бадан

савол

Бартараф кардани мӯйҳои бадани зан чӣ ҳукм дорад? Агар ин амал ҷоиз бошад, ба кӣ иҷозат аст, ки ин корро бикунад?

Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ин кор (яъне бартараф намудани мӯйҳои бадан) барои зан ҷоиз аст, магар мӯи абрӯ ва сар. Барои ӯ ҷоиз нест, ки мӯйҳои он ду (яъне мӯйҳои абрӯ ва сар) ва ё қисмате аз он дуро бартараф намояд. Ин корро худаш ё шавҳараш анҷом медиҳад ва ё яке аз маҳрамонаш ҷойҳое, ки дидани он барояш ҷоиз аст, метавонад онро барояш анҷом бидиҳад. Ҳамчунин зани дигаре ҷойҳое, ки дидани он барояш ҷоиз аст, метавонад онро барояш анҷом бидиҳад.